ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Самадова Мавзуна Тагойевна дар мавзӯи «Махсусиятҳои публитсистии осори Тӯлқин Хоҷа», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ пешнидҳод шудааст.

Дар публитсистикашиносии тоҷик таҳқиқи осори публитсистии адибон ва муайян намудани мушаххасоти онҳо як самти муҳими фаъолияти илмии муҳаққиқон ба шумор меравад. Дар ин замина то имрӯз ҷанбаҳои мухталифи осори публитсистии як зумра адибони маъруфи тоҷик мавриди омӯзиши муҳаққиқон қарор гирифтааст. Навгонии кори муҳаққиқ Самадова М.Т. дар ин ҷода ба он вобастагӣ дорад, ки ӯ ба омӯзиши махсусиятҳои публитсистии осори адибе машғул шудааст, ки фаъолияташ дур аз марказҳои бузурги илму маърифат сурат гирифтааст. Тӯлқин Хоҷа то охири умр дар шароити маҳал ва дур аз пойтахт зиндагӣ карда бошад ҳам, бо афкори созандаи худ дар ҳалли мушкилоти мардум фаъолона мусоидат кардааст. Диссертант таъкид медорад, ки Тӯлқин Хоҷа дар тамоми давраҳои фаъолияти эҷодӣ қатъи назар аз фишору таҳдидҳо аз мубориза алайҳи ноадолатиҳо даст намекашад. Аз мазмуни осори ӯ бармеояд, ки адиб нобасомониҳои рӯзгорро амиқан мушоҳида менамояд ва аз рӯи саҳифа овардани андешаҳои интиқодӣ истиҳола накарда, дар муқобили нотавонбинону ҳасудон ва фиребгарону манфиатҷӯён мавқеи устувор дорад.

Тавре муҳаққиқ иброз медорад, «Т. Хоҷа адибе мебошад, ки дар аксар мавридҳо назми публитсистии ӯ (очерк, фелетон ва памфлетҳои манзум) дар қиёс ба нигоштаҳои матбуотияш нерумандтару таъсирбахштар мебошад (саҳ. 4).

Аз мухтавои автореферат бармеояд, ки диссертатсия аз муқаддима, се бобу ҳашт фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Дар муқаддима муҳиммияти мавзуъ, зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, мақсади таҳқиқ, вазифаҳои он, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгониҳо, саҳми муаллиф, тасвиби натиҷаҳои таҳқиқ ба таври фарогиру

дақиқ таҳлил ва баррасӣ шудаанд. Пажуҳишгар ҳангоми таҳқиқ ба асарҳои муҳаққиқони тоҷик ва хориҷӣ такя кардааст, ки ин омил ҷанбаи илмии диссертатсияро қавӣ намудааст.

Дар боби аввал – «Махсусиятҳои мундариҷавию ғоявии насри публитсистии Тӯлқин Хоҷа» муҳаким дар доираи се фасл омилҳои аслии адиби иҷтимоӣ шинохта шудани Т. Хоҷа ва паҳлуҳои осори публитсистии ӯро, ки фарогири масъалаҳои иқтисодиёт ва хоҷагии қишлоқ, муносибати адиб ба мавзӯоти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангу маориф мебошанд, нишон додааст.

Боби дуюми диссертатсия «Бозтоби авзои замон, муаммоҳои ҳаёт ва ҳақиқати зиндагӣ дар назми иҷтимоии адиб» ном дошта, аз се фасл иборат аст. Дар ин қисми кор диссертант назми публитсистии адибро бо фарогирии муҳимтарин мавзӯоти иҷтимоии он мавриди пажуҳиш қарор дода, оммавият ва ҳақиқатҷӯиҳо дар назми Т.Хоҷаро нишон додааст.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки «Таносуби бадеияту воқеият ва доираи қолабҳои жанрӣ дар осори адиб» ном гирифтааст, омӯзиши ҳунари нигорандагӣ ва корбурди жанрҳои публитсистӣ дар эҷодиёти Т.Хоҷа, услуби эҷоди адиб дар назму наср мушаххас гардида, ба ҳунари офарандагии ӯ баҳо дода мешавад. Муаллиф истифодаи як қатор жанрҳои публитсистиро дар алоҳидагӣ таҳлил намуда, ба таври муқоиса истифодаи онҳоро дар осори назмиву насрии адиб мавриди баррасӣ қарор додааст.

Бобу фаслҳои диссертатсия ба ҳам пайванди устувору мантиқӣ дошта, ҳамдигарро такмил мебахшанд. Дар хулоса диссертант дар 11 банд натиҷаҳои пажуҳишро нишон додааст.

Дар баробари ин дастовардҳо дар автореферат баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, аз ҷумла:

1. Доираи мавзӯи таҳқиқшаванда нисбатан васеъ буда, пажӯҳиши давраи муайяни фаъолияти адиб ба манфиати кор мешуд.

2. Зарур аст, ки нуқсонҳои техникии рисола аз лиҳози имлои нав ислоҳ карда шаванд.

Камбудиҳои зикршуда ба арзиши илмии диссертатсия таъсир намерасонанд. Бинобар ин, автореферати Самадова Мавзуна Тағойевна дар мавзӯи «Махсусиятҳои публитсистии осори Тӯлқин Хоҷа» ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 - Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Мукарриз:

Номзади илми филологӣ,
директори Муассисаи
давлатии таълимии
«Коллеҷи омӯзгории
шаҳри Турсунзода» Сафарзода Хуршед Ҳайдар

«16» ноябри соли 2022

Суроғa: шаҳри Турсунзода,
ҷамоати Турсун Туйчиев,
деҳаи Дӯстӣ,
Тел.: 918-21-44-44
E-mail: khursheds@mail.ru
Диплом: Серия КНД № 209811

Имзои Сафарзода Х.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Муассисаи давлатии таълимии
«Коллеҷи омӯзгории шаҳри Турсунзода» Ҳамидов А.

«16» ноябри соли 2022